# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи калимаву истилоҳоти тиб дар забони тоҷикӣ, махсусан дар забони матбуоти давраи Истиқлол яке аз масъалаҳои муҳимму боарзиш ва судманд дар соҳаи забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ миқдори зиёди истилоҳоти нодир ва куҳанбунёде мавҷуд аст, ки хусусияти умумиэронӣ доранд ва барои таҳқиқи таърихи забонҳои эронӣ ёрӣ расонида метавонанд. Вожаву истилоҳоти тиббӣ, бавижа дар заминаи маводи давраи Истиқлол, ки дар забони матбуоти тоҷик рӯйи кор омадаанд, бештари онҳо дар забони тоҷикӣ аз истеъмол дар канор монда буданд ва бар ивази онҳо истилоҳоти ғайритоҷикӣ ба кор мерафт. Албатта, дар натиҷаи пешрафти ҷомеа забон низ ба тағйироту таҳаввулот рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин ҷиҳат, ин раванд ба луғоти асили таркиби луғавии забон, аз ҷумла, ба истилоҳоти тиббӣ низ таъсири худро мерасонад.

Луғот ва истилоҳоти тиббӣ ҳам, ки як бахши муҳим ва асосии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад, омӯзишу пажуҳиши он аз аҳаммият орӣ нест. Дар забоншиносии тоҷик то ба имрӯз корҳои назаррасе дар соҳаи тиб анҷом ёфта бошанд ҳам, баъзе паҳлуҳои он мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд.

Аз ин рӯ, муҳаққиқ Малика Шодиматова ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, вижагиҳои луғавӣ - маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббиро, аз ҷумла, маводи забони матбуоти тоҷикро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки хеле ҷолиб ва мувофиқи матлаб аст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода ёфтааст, ки дар забоншиносии тоҷик истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003 - 2023), яъне як давраи муайян, бист соли охир аз ҷониби Малика Шодиматова ба сифати як диссертатсияи алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муҳаққиқ истилоҳоти тиббии забони матбуотро нишон дода, хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ, сохторӣ ва ҷо - ҷо этимологияи бархе аз онҳоро муайян кардааст.

Диссертатсияи Малика Шодиматова аз ихтисораҳо, муқаддима ва се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ иборат буда, вобаста ба

фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ва зерфаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар муқаддима аҳаммият, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳо, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ ва амсоли инҳо бо як низоми муайян баён гардидаанд.

Дар фишурдаи диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик дар самти таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик дар як давраи муайяни таърихӣ аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Боби **якуми** диссертатсия «Таснифоти луғавӣ - маъноии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот» унвон дошта, аз 8 фасл иборат мебошад. Дар ин боб ва фаслҳои он калима ва истилоҳоти тиббӣ вобаста ба соҳаҳои гуногун дастбандӣ гардида, таҳлил ва таҳқиқ шудаанд. Масалан, дар фасли аввал истилоҳоти ихтисосҳои тиббӣ, дар фасли 2 - юм номи бемориҳо, дар фаслҳои 3 - юму чорум навъҳои ташхису табобат, аломатҳои беморӣ ва пешгирии онҳо, дар фаслҳои 5 - ум, 6 - ум навъҳои дорувор, номҳои таҷҳизоти тиббӣ, дар фаслҳои 7 - уму 8 - ум истилоҳҳои форматсевтӣ ва номи муассисаҳои тиббӣ ва табобатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюм** «Хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ» ном дошта, шомили 2 фасл ва 3 зерфасл мебошад. Дар ин боб ва фаслҳои он роҷеъ ба истилоҳоти асили тоҷикӣ, гурӯҳбандии онҳо, истилоҳоти иқтибосӣ (арабӣ, русӣ - аврупоӣ, туркӣ - узбекӣ) маълумот ироа гардидааст.

Унвони **боби сеюм** «Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот» буда, аз шаш фасл иборат аст, ки дар ин боб муаллиф асосан дар бораи сохтори истилоҳоти тиббии забони матбуот маълумот додааст. Муҳаққиқ дар фаслҳои 1 - ум, 2 - юм, 3 - юм ва 4 - ум истилоҳоти мавриди таҳқиқро аз ҷиҳати сохторашон ба сода, сохта, мураккаб ва ибора - истилоҳҳо дастбандӣ намуда, бо шоҳидҳои мушаххас таҳлил кардааст.

Дар фаслҳои 5 - ум ва 6 - ум ихтисораҳои тиббии забони матбуот ва нуқсонҳои забони он ба риштаи пажуҳиш даромадааст.

**Хулосаи** автореферати Малика Шодиматова фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омада, истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо роҳ ёфтааст, ки бо

нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Баъзе ҷумлаҳо аз ҷиҳати услуб ва мантиқ каме коҳиш ёфтаанд. Масалан: Устод Садриддин Айнӣ аз хусуси дар ташаккули истилоҳоти илмии забони форсӣ саҳми назаррас доштани Ибни Сино чунин баён намудааст. - Саҳ.5.

Ин ҷумла агар дар шакли: Устод Садриддин Айнӣ дар хусуси ташаккули истилоҳоти илмии забони форсӣ саҳми назаррас доштани Ибни Сино андешаи худро зайл ифода намудааст - баён мешуд, хубтар мебуд.

2. Дар фасли дуюми боби сеюм, ки истилоҳҳои сохта мавриди таҳлил қарор гирифтааст, калимаи гармкунак (саҳ. 23) ба ин гурӯҳ дохил шудааст. Вожаи мазкур аз рӯйи сохт мураккаб аст, на сохта. Ин калима аз се ҷузъ: **гарм** (сифат)+**кун** (асоси замони ҳозираи феъли кардан) + ак (пасванд) таркиб ёфтааст.

3. Дар бархе аз саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва китобатӣ роҳ ёфтааст: саҳ. 5, 6, 7, 8, 9, 12, 15, 18, 19, 20, 23.

4. Дар рӯйхати адабиёт ҷо - ҷо нишон надодани макони нашри сарчашма ва мушаххасоти он (нашриёт, саҳифаҳо) ва риоя нагардидани хронология ба мушоҳида мерасад: саҳ. 27, 29.

5. Номи баъзе муҳаққиқон дар рӯйхати адабиёт дар ду шакл оварда шудааст. Масалан, Қурбон, У.А. Вожаномаи тиббӣ. [Матн]/ У.А. Қурбонов, рақамҳои 20, 21 - саҳ. 28.

Дар маҷмуъ, эродҳои номбурда ислоҳшаванда буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба инобат гирифтани онҳо ба арзиш ва муҳиммияти илмиву амалии кори таҳқиқотии Малика Шодиматова аҳаммияти бештарро зам менамояд. Бинобар ин, ба инобат гирифтани андешаҳои мо барои беҳтар шудани сифати кор аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар бораи мавзуи таҳқиқшаванда ба нашр расонидааст, муҳтавои онро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи номзадии Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)», ба талаботи

бандҳои 31, 33, 34 ва 35 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, посухгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сарходими илмии шуъбаи забони
тоҷикии ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ,
номзади илми филология

Мирзоев Сайфиддин
Ҷаборович

Нишонӣ: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ноҳияи Варзоб, ҷамоати Чорбоғ, деҳаи Дуғоба
хонаи 93
Тел: 919-80-38-20
E-mail: sayf_yagnob@mail.ru

Имзои С. Мирзоевро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ — Ҳилола Нарзиқулова

Нишонии муассиса: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел: (+992) 227-27-52
E-mail: iza.rudaki@gmail.com.
«02» сентябри соли 2025